# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи Сангов Бобохон Чиллаевич дар мавзӯи "Ҷанбаҳои муосири сирояти урогениталии хламидиявӣ дар мардони муҳоҷири меҳнатӣ (гурӯҳи хатари баланд)", ки барои дарёфти унвони номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.01.10 - Беморихои пӯсту зӯҳравӣ пешниҳод карда шудааст.**

Тибқи мазмуни автореферат, рисолаи Сангов Б.Ч. ба баъзе ҷанбаҳои патогенез ошкор карда шудаанд, хусусиятҳои ҷараёни клиникӣ омӯхта шуда, усулҳои нави табобати хламидиози урогениталӣ дар мардони гурӯҳи хатари баланд бахшида шудааст.

Паҳншавии босуръат, набудани маълумоти дақиқ оид ба патогенез ва дар натиҷа бесамарии воситаҳо ва усулҳои табобат масъалаи хламидиози урогениталиро дар байни мардон яке аз масъалаҳои муҳиму ҳалталаби дерматовенерология табдил медиҳанд. Дар робита бо ин, тадқиқоти рисолаи Сангов Б.Ч., ки ба омӯзиши баъзе ҷанбаҳои патогенез, омилҳои хатари инкишоф, хусусиятҳои клиникиву иммунологӣ ва мувофиқати табобати хламидиози урогениталӣ дар мардони гурӯҳи хатари баланд саривақтӣ ва муҳим мебошанд.

Мақсад ва вазифаҳои кор ба таври возеҳу равшан баён карда шудаанд. Унвонҷӯ 90 марди гирифтори хламидиози урогениталӣ ва 30 нафар мардони солими гурӯҳи муқоисавиро аз ташхис гузаронд. Дар таҳқиқот усулҳои муосири иттилоотии ташхиси параклиникӣ истифода шуданд. Теъдоди кофии мушоҳидаҳои клиникӣ, истифодаи усулҳои муосири санҷишгоҳи озмоишгоҳӣ, коркарди дақиқи оморӣ аз эътимоднокии натиҷаҳо шаҳодат медиҳанд.

Аҳамияти илмӣ ва амалии рисолаи мазкур аз он иборат аст, ки унвонҷӯ бори аввал дар ҷумҳурӣ нишон дод, ки омилҳои муҳими тиббӣ-иҷтимоӣ: шароити бади моддӣ ва маишӣ дар замони кӯдакӣ мебошанд, ки ба сатҳи пасти маълумотнокӣ, огоҳии кам оид ба СРАҶ ва усулҳои пешгирӣ, дараҷаи баланди муҳоҷират, шумораи зиёди беморон бо сирояти омехта ва шиддатёфта барои пайдоиши гурӯҳҳои хатари баланд дар байни мардони

Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд. Тибқи маълумоти унвонҷӯ, муҳоҷирони меҳнатӣ 60,9% мардони гурӯҳи хатари баландро ташкил медиҳанд.

Муқаррароти асосии консептуалии рисола: натиҷаҳои асосии илмии рисола, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои кор ва муқаррароте, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд, асоснок карда шудаанд ва аз натиҷаҳои тадқиқоти муаллиф гирифта шудаанд.

Ҳамин тариқ, рисолаи Сангов Бобохон Чилаевич "Ҷанбаҳои муосири сирояти урогениталии хламидиявӣ дар мардони муҳоҷири меҳнатӣ (гурӯҳи хатари баланд)" кори анҷомёфтаи таҳқиқотӣ мебошад, ки падидаи наве дар ҳалли вазифаи муҳими дерматовенерология ба ҳисоб меравад.

Бо муҳимият, навоварии илмӣ, ҳаҷми тадқиқот ва аҳамияти амалии натиҷаҳо, кори пешниҳодшуда ба талаботи "Низомномаи намунавӣ дар шӯроҳои диссертатсионӣ" бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ карда шудааст, ки барои рисолаҳои номзадии илм аз рӯи ихтисоси 14.01.10 - Бемориҳои пӯсту зӯҳравӣ мувофиқ аст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии пешниҳодгардида мебошад.

**Мудири кафедраи дерматовенерология**
**бо курси косметология ДБДКСТ ҶТ,**
**номзади илмҳои тиб** **С.Х. Муниева**

Имзои С.Х. Муниеваро тасдиқ мекунам
**Сардори шуъбаи кадрҳои ДТБСТҶТ** **Ф.А. Ҳафизова**

ПОДПИСЬ Муниева С.Х.
ЗАВЕРЯЮ
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ
"30" 07 2020